ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27 декабри соли 2024, №493 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ шубҳае ба бор намеорад. Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на танҳо ба муносибатҳои молумулкӣ, балки ба устувории низоми пулии давлат, эътимод ба пули миллӣ ва амнияти молиявӣ дар маҷмӯъ таҳдид мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи муҳимми транзитӣ ҷойгир аст, ин таҳдид шадидияти хоса пайдо мекунад: қалбакӣ тайёр кардани нишонаҳои пулӣ ва интиқоли онҳо аз сарҳади давлатӣ яке аз намудҳои устувори ҷиноятқории фаромиллӣ боқӣ мемонад.

Ғайр аз ин, воситаҳои муосири полиграфӣ ва репрографӣ имкон медиҳанд, ки чунин пулҳои қалбакие сохта шаванд, ки аз ҷиҳати визуалӣ аз аломатҳои аслӣ қариб фарқ намекунанд. Ҳамзамон, рақамикунонии ҳисоббаробаркуниҳо ба илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саволҳои нав мегузорад: вазъи ҳуқуқии маблағҳои ғайринақдӣ, пулҳои электронӣ ва коғазҳои қиматноки бе ҳуҷҷат нисбат ба мавзӯи таркиби пешбининамудаи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст; оё таркиб амалҳоро бо ҳуҷҷатҳои қалбакии пардохт фаро мегирад. Меъёре, ки дар мавриди нишонаҳои пули нақд сохта шудааст, дар мавриди шаклҳои нави муомилоти пулӣ ба тафсири доктриналӣ ниёз дорад, ки ин ба мавзӯи таҳқиқот тобиши муосири саривақтиро медиҳад. Ин ҳолат аз ҷониби муаллиф низ қайд гардидааст, чунончи «азбаски муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати

Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, коркарди низомноки ҳам заминаи меъёрӣ ва ҳам воситаҳои амалии мубориза бо сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муҳим мегардад».

Ниҳоят, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи монографӣ оиди мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйироти муосири қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва заминаи технологӣ то ба имрӯз гузаронида нашудааст. Ин ҳолат ва нуқтаҳои дар боло овардашуда аҳамияти илмӣ ва ҳам амалии мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян мекунанд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом соҳиби навгонии илмӣ мебошад. Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки он аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи монографии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар робита ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо назардошти ҳолати муосири амалияи татбиқи ҳуқуқ, хусусияти фаромиллии таҳдид ва тағйироти технологӣ дар соҳаи муомилоти пулӣ анҷом дода шудааст.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлӯҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти мазкур таҳлил намуда, масъалоҳои илман баҳсоки онро муайян карда, роҳҳои ҳалли ин масоилро пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар навгониҳои зерин ифода гардидаанд:

– камбудии техникаи қонунгузорӣ, ки аз муайян кардани мазмуни аломати бандубасткунандаи «миқдори калон» берун аз ҳудуди моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян шудани он дар моддаи 283 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ошкор ва асоснок карда шудааст ва таъсири манфии он ба муайян будани қонуни ҷиноятӣ ва якрангии татбиқи ҳуқуқ нишон дода шудааст;

– таҳрири муаллифии эзоҳ ба моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ки аломати «миқдори калон»-ро тавассути нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян мекунад, ки ҳамзамон устувории меъёр ва худтаъминкунии қонунгузории онро таъмин мекунад;

– зарурати илова кардани тарафи объективии таркиб бо шаклҳои мустақили ҳаракат – соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ва фиристодани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок, ки бо мақсади ба муомилот баровардан анҷом дода мешаванд, бо ҳалли ҳамзамон мушкилоти қасди бевосита ҳамчун кафолат бар зидди гунаҳгоркунии объективӣ, асоснок карда шудааст;

– бори аввал дар таълимоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии васеи номумкин будани эътирофи коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун предмети ҷиноят тибқи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;

– тафовути муаллифии моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таркибҳои ҷиноятҳои ба он монанд (қаллобӣ, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар аснодии пардохт, суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия)) аз рӯи предмети ҷиноят, тарзи ҳаракат ва мақсад тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба мазмуни таҳқиқот мувофиқ буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, фаъолияти қонунэҷодӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ истифода шаванд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта мувофиқ ба таҳлилҳои назариявӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, инчунин маводи амалияи судӣ таълиф шудаанд. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои илмии назарияи маърифат ташкил медиҳанд, ки муносибати умумиилмии диалектикиро ба омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд, аз ҷумла усулҳое, ба монанди: мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо истифодаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмиллалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни ҷиноятии давлатҳои хориҷи кишвар, аз он ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон, Британияи Кабир, Латвия, Лаҳистон ва дигар кишварҳо таъмин гардидааст.

Эътимоднокии хулосаҳо, инчунин бо заминаи эмпирикии таҳқиқот тақвият ёфтааст. Муаллиф маводи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро истифода намуда, нишондиҳандаҳои оморӣ ва зиёда аз 98 парвандаи ҷиноятиро оид ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил кардааст. Истифодаи чунин мавод барои таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои назариявӣ бо эҳтиёҷоти воқеии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайваст карда шаванд.

Тавсияҳои амалӣ – аз ҷумла пешниҳодҳо оид ба такмил додани моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – бо такя ба мушкилоти ошкоршудаи қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи танзими ҳуқуқӣ дар дигар кишварҳо таҳия шудаанд. Баъзе аз ин пешниҳодҳо метавонанд баҳсҳоро ба вуҷуд оранд, аммо онҳо арзиши илмӣ доранд ва қодиранд минбари баҳсҳои минбаъдаи ҳуқуқӣ ва такмили заминаи меъерӣ шаванд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Сохтори диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом бо мантиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Диссертатсия аз 178 саҳифа иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба ихтисос, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ ба таври муназзам ифода ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия «Табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳо оид ба таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввали ин боб таърихи пайдоиш ва паҳншаваии сохтакории пул ва коғазҳои қиматнокро аз давраи қадим то давраи навин нишон дода шудаанд. Муаллиф ҳангоми таҳлили ин зербоб муайян кардааст, ки аввалин санади қабулгардидаи байналмиллалие, ки мубориза бо сохтакории пулро

танзим меркард – ин Конвенсияи Женева мебошад, ки соли 1929 қабул гардидааст, ки мувофиқи он кишварҳои иштирокчӣ уҳдадор шуданд, ки сохтакории на танҳо асъори миллӣ, балки нишонаҳои пулии дигар давлатҳоро дар асосҳои баробар ҷиноят ҳисоб кунанд. Аммо, аз нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятии муосир, ки ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ равона шудааст, ин Конвенсия қисман аҳаммияти худро гум кардааст. Ба фикри муаллиф, ин аз он сабаб аст, ки меъёрҳои он танҳо сохтакории пули накдро дар бар мегиранд ва ба сохтакорӣ ва ба муомилот баровардани коғазҳои қиматнок, ба монанди саҳмияҳо ва вомбаргҳо дахл надоранд (саҳ. 25).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум, муаллиф таҳлили заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро анҷом додааст. Муаллиф, дар асоси омӯзиши маълумоти омории ҷиноятии байналмиллалӣ, як қатор омилҳои иҷтимоиеро, ки на танҳо ба мавҷудият, балки ба афзоиши доимии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мусоидат мекунанд, қайд менамояд, аз он ҷумла муҳоҷирати афзояндаи аҳолӣ ва ташаккули диаспораҳои этникӣ дар кишварҳои гуногун, фарқиятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун, ташаккули мегаполисҳои бисёрмиллӣ ҳамчун марказҳои фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратӣ, паҳншавии технологияҳои пешрафта ва дастрасии онҳо барои амалӣ намудани ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).

Боби дуюми диссертатсия ки «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ном дорад, таҳлили низомноки аломатҳои объективии таркиби ҷинояти зикршуда гузаронида шуд. Дар сохтори он ду зербоб дохил карда шудааст: дар якумаш мундариҷаи объект ва предмет ҷиноят ошкор гардида, дар дуюм аломатҳои тарафи объективии ҷиноят таҳлил карда шудаанд.

Зербоби якуми ин боб ба таҳлили объект ва предмети ҷинояти мазкур, бахшида шудааст. Ҳангоми таҳлили ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки Муайян кардани муомилоти пулӣ-қарзӣ ҳамчун объекти ҷиноят дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки тағйирёбии нақши пул ва таъсир ба манфиатҳои миллӣ ва байналмилалиро ба назар мегирад, ба назари мо, ба фаҳмиши дурусти таркиби тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мусоидат мекунад. Баъзе муҳаққиқон, дар баробари объекти бевоситаи асосии ҷинояте, ки

бо сохтакории пул алоқаманд аст, объекти бевоситаи иловагии ин ҷиноятро ҷудо мекунанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ба ин ҷиноят ҳамчун кирдори мураккаб баҳо диҳем, ки ногузир муносибатҳои дигари ҳуқуқиро, ба ғайр аз муносибатҳои бо объекти бевоситаи асосӣ алоқаманд, вайрон мекунад. Аммо ба фикри муаллиф, дар ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ мавҷудияти объекти бевоситаи иловагӣ шубҳанок аст. Тайёр кардани пули қалбакӣ худ аз худ ҳуқуқи моликияти харидоронро вайрон намекунад. Вайронкунӣ танҳо ҳангоми кӯшиши истифодаи пули қалбакӣ ҳамчун воситаи пардохт рух дода метавонад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ на ин ки бо мавҷуд будани объекти бевоситаи иловагӣ, балки бо мавҷуд будани таҳдиди эҳтимолии вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ, тавсиф мегардад (саҳ. 72).

Зербоби дуюми ин боб ба масоили таҳлили тарафи объективии ин ҷиноят бахшида шудааст. Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муаллиф аниқ намуд, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад» (саҳ. 96-97).

Боби сеюми диссертатсия «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва фарқгузории он аз ҷиноятҳои ҳамҷавор» номгузорӣ шудааст, ки дарбаргирандаи се зербоб мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм ба таҳлили тарафи субъективии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқи зербоби номбаршудаи диссертатсия, муаллиф изҳор медорад, ки таҳқиқи тарафи субъективии ҷинояти таҳлилшаванда таваҷҷӯҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст, ки то ҳол оид ба таърифи он ба монандии ақидаҳо нарасидаанд. Таъкид карда мешавад, ки

азбаски тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба гурӯҳи ҷиноятҳое дохил мешавад, ки таркиби расмӣ доранд, тарафи субъективии он бо назардошти маҷмӯи лаҳзаҳои зеҳнӣ ва иродавии ин намуди қасд нисбат ба ҷинояти таҳлилшаванда бо қасди бевосита ифода карда мешавад.

Зербоби дуюми ин боб ба муайян намудани субъекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), бахшида шудааст. Ҳангоми таҳлили ин зербоб муаллиф чунин хулоса менамояд, ки бо дарназардошти муқаррароти м. 22 КҶ ҶТ, ки мафҳуми субъекти ҷиноятро мустаҳкам мекунад, ба сифати субъекти таркиби пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ шахси воқеии дилхоҳе, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст баромад мекунад, аз он ҷумла: шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрвандӣ. Дар ин ҳолат ҷойи содир шудани кирдор ба эътирофи шахс ҳамчун субъекти ин ҷиноят таъсир намерасонад (саҳ. 138).

Дар зербоби сеюми ин боби диссертатсия, ки дар он хусусиятҳои фарқкунандаи таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ таҳқиқ карда мешаванд, муаллиф ин кирдорро аз таркибҳои ҳуқуқии ҷиноятии ба он монанд ҷудо мекунад.

Дар таҳқиқот ба муқоисаи таркиби сохтакории пулҳо бо дигар кирдорҳои ҷиноятӣ, ки дар КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, диққати зиёд дода шудааст. Диққати махсус ба фарқ кардан аз чунин таркибҳо, ба монанди қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ), тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар асноди пардохт (м. 282 КҶ ҶТ), инчунин суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) (м. 283 КҶ ҶТ), дода шудааст. Таҳлили гузаронидашуда имкон медиҳад, ки маҳакҳои фарқкунандаи кирдорҳои мазкур муайян карда шаванд, ки ба коҳиш додани хатогиҳои бандубасткунонӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, мусоидат мекунад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмии довталаб инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда ба мазмун ва самтҳои асосии диссертатсия мувофиқ буда, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро фаро мегиранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом ба талаботи банди 29-36, 40-41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Услуби баёни рисола илмӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ-ҷиноятиро бо забони равшан ва пайдарпай таҳлил намояд. Маводи таҳқиқот бо истинод ба сарчашмаҳои миллӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва андешаҳои олимони соҳа асоснок карда шудааст. Ин ҳолат аз мустақилияти илмӣ ва омодагии довталаб барои анҷом додани таҳқиқоти илмии сатҳи зарурӣ шаҳодат медиҳад.

Навгонии натиҷаҳои илмӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалӣ на танҳо дар матни диссертатсия инъикос ёфтаанд, балки бо нашрияҳои илмӣ ва иштироки муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ низ тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳарчанд таҳқиқоти мазкур мусбӣ арзёби мегардад, дар он баъзе аз камбудиҳои баҳсталаби зерине дида мешаванд, ки барои дар оянда пешбурдани тақиқот дар ин самт фоида оваранд:

1. Муаллиф дар диссертатсия ба таҳлили қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Бо вуҷуди ин, муқоисаи амиқтари таҷрибаи давлатҳои дорои низоми гуногуни ҳуқуқӣ метавонист барои асоснок намудани баъзе пешниҳодҳои қонунгузорӣ заминаи боз ҳам мустаҳкам фароҳам оварад (саҳ. 34-37).

2. Бо назардошти хусусияти мураккаби ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пул, масъалаи истифодаи технологияҳои муосири чопӣ ва воситаҳои рақамӣ дар тайёр кардани пулҳои қалбакӣ метавонист бо ҷузъиёти бештар аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирад (саҳ. 80-84).

3. Омӯзиши 98 парвандаи ҷиноятӣ заминаи муҳими эмпирикии таҳқиқот мебошад. Бо вуҷуди ин, пешниҳоди маълумоти муфассалтар оид ба тақсимоти ин парвандаҳо аз рӯйи намудҳои кирдор, минтақаҳо ва хусусиятҳои субъектҳои ҷиноят метавонист арзиши таҳлили криминологии натиҷаҳоро баланд бардорад (саҳ. 156-158).

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти баҳсӣ, тавсиявӣ ва ислоҳшаванда дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун кори илмии мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 29-36, 40-41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Исматзода Рустам Абдусалом сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

«16» 01 2026 с.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2, М-20, хонаи 4, ҳуҷраи 24. Телефон: (+992) 919643535. E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«16» 01 2026 с.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231-02-01; E-mail: tgfeu@tgfeu.tj